**Тақриз**

**ба автореферати Султонзода Гулбаҳор Абдувайит таҳти унвони “Маҷмаъ-ул-фурс”-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Рисолаи номзадии унвонҷӯ **Султонзода Г.А.** таҳти унвони **“Маҷмаъ-ул-фурс”-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва масоили нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI”** мавзуи ҷолиб ва таҳқиқи амиқ дар мавриди як фарҳанги тафсирӣ буда, ҷанбаҳои адабии он ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Рисолаи илмӣ аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл ва хулоса таркиб ёфта, фарогири масоили адабиву илмӣ, матншиносӣ, нусхашиносӣ ва таҳқиқи аносири нақду шарҳ дар фарҳанги мазкур мебошад, ки бевосита идомаи корҳои таҳқиқотии ҳавзаи адабии Хуҷанд дар самти матншиносӣ ва фарҳангшиносист.

Боби аввали рисола «Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва мақоми «Маҷмаъ-ул-фурс»-и ӯ дар суханшиносии форсӣ – тоҷикӣ» ном дошта, дар он оид ба ҳаёту фаъолияти Сурурии Кошонӣ, хусусиятҳои адабии ашъораш, ҷойгоҳи фарҳанги “Маҷмаъ-ул-фурс” дар адабиёти форсӣ – тоҷикӣ ва нусхаҳои хатии фарҳанг сухан меравад.

Боби дуюми рисола “Вежагиҳои фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ” унвон дошта, хусусиятҳои адабиву луғавии фарҳанг, шарҳи муфассалу мухтасар, шарҳи маънии байт ва тафсири киноёту истиороти адабӣ бо асноди шоҳид ифода карда шудааст. Дар ин боб муҳаққиқ оид ба муносибати Сурурӣ ба фарҳангҳои дигар ва аносири нақд нисбат ба 8 фарҳанги асримиёнагӣ таҳқиқ бурдааст. Ҳамчунин, дар боби мазкур масъалаи асноди шоҳид ва шеваҳои гузиниши он дар фарҳанг, унсурҳои шарҳ дар фарҳанг ва шарҳи мусталеҳоти адабӣ дар «Маҷмаъ-ул-фурс» низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки арзиши адабии луғатномаро муайян сохтааст.

Дар боби сеюми рисола, **«Масоили маърифати шеър ва матншиносии осори адабии асрҳои X-XI дар фарҳанги Сурурӣ»** унвон гирифтааст, масъалаҳои маърифати шеър, интисоби ашъор, нақду тасҳеҳ ва масоили матншиносии мутуни осори адабии асрҳои X-XI таҳқиқу баррасӣ карда шудааст. Зеро дар фарҳанг аз осори суханварони асрҳои X-XI абёти зиёд мустанад шудааст. Муаллиф аз баррасиву таҳлили абёти шоҳиди мазкур дар муқоисаву муқобалаи матуни нашрҳои гуногун ва фарҳангҳои дигар ба

хулосае меояд, ки Фарҳанги Сурурӣ яке аз сарчашмаҳои аксарияти нашрҳои девону маҷмуаҳо буда, маъхази боэътимоди адабӣ ба шумор меравад. Дар ин боб муаллифи рисола ба нақду тасҳеҳи қариб 50 байт кӯшиш намудааст. Аз ҷумла, интисоби ашъори шоирони асрҳои X-XI мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, якчанд байт муаллифи аслии худро ёфтааст, ки минбаъд дар таҳияи мутуни адабии ин давра ба кор хоҳад омад. Ҳарчанд, ин кӯшиши аввалини ӯ дар матншиносии осори адабист, аммо аксарияти он қобили қабул аст.

Дар замимаи дуюми рисола ашъори Сурурӣ аз тазкираҳо ҷамъоварӣ карда шудааст. Агар муаллифи рисола дар оянда ин маводро ҳамчун як маҷмуаи шеърии Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ интишор намояд, ба беҳбудии кор хоҳад буд.

Аммо дар рисола чанд камбудие низ ба назар расид, масалан дар матни рисола ва феҳрасти адабиёт нодуруст гузоштани аломатҳои китобатӣва ғалатҳои техникӣ, дар матни рисола пайи ҳам овардани чанд иқтибос ва хулосабарорӣ накардани муаллифи рисола аз он иқтибосҳо.

Албатта, ин қайду эродҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳад. Дар умум метавон аз мутолеаи автореферат ба чунин хулосае расид, ки диссертатсияи Султонзода Гулбаҳор Абдувайит дар мавзуи “Маҷмаъ-ул-фурс”-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI” ҷавобгӯйи муқаррароти Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои филологӣ, профессори
Донишгоҳи давлатии Фарғона Ҳ.А.Ҷӯраев

«Имзои Ҷӯраев Ҳабибулло Абдусаломовичро тасдиқ мекунам».

И. в. сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Фарғона А.Мамаджанов

Маълумот барои тамос:
Суроға: 150100, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
шаҳри Фарғона, Ал-Фарӯоний, хонадони 35
Почтаи электронӣ: habibullojo‘rayev@gmail.ru
Тел.: (+998) 935532896 30.10.2024.